Замимаи 3
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2012,
№ 449 тасдиқ шудааст

# Низомномаи
# Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро) бо мақсади татбиқи Ташаббуси баланд намудани шаффофияти соҳаҳои истихроҷ таъсис дода шуда, мақоми машваратӣ мебошад, ки назорати умумӣ, ҳамгироӣ ва кӯмаки машваратиро дар татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

2. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

## II. Вазифаҳо ва функсияҳои асосии Шӯро

3. Вазифаҳои асосии Шӯро инҳо мебошанд:

- баррасӣ ва назорати иҷроиши чорабиниҳо оид ба татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ;
- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба масъалаҳои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси озмун интихоб намудани ташкилоти байналмилалии аудиторӣ барои омода намудани ҳисоботи ҷамъбастӣ мутобиқи меъёрҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ барои соли тақвимии дахлдор;
- баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи ҳисоботи ҷамъбастии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ барои интишори он;
- бо тартиби муқарраршуда ҷалб намудани мутахассисон ва олимони ватаниву хориҷӣ барои баҳодиҳии ташхисӣ оид ба чараёни татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон ва ҷомеаи байналмилалӣ бо мақсади таҳким ва рушди минбаъдаи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ;
- таҳия ва барои баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатӣ пешниҳод намудани тавсияҳо ва пешниҳодҳои дахлдор оид ба такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истихроҷи маъдани кӯҳӣ.

4. Ба функсияҳои Шӯро дохил мешаванд:

- баҳодиҳии монеаҳои ҷорӣ ва потенсиалӣ барои баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти соҳаҳои истихроҷ, аз он ҷумла таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, масъалаҳои институтсионалӣ ва танзимшавандаи соҳаҳои истихроҷ, маҳдудиятҳои молиявӣ ва дигар маҳдудиятҳо;

- таҳияи Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои аниқ, ки ба санҷиш ва баҳодиҳӣ фаро гирифта мешаванд, ҷадвали муваққатии корҳо ва баҳодиҳии воқеии хавфу хатар ва маҳдудиятҳои имконпазир дар муассисаҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодҳои соҳибкорӣ ва корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ворид намудани тағйирот ба Нақшаи корӣ;

- дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани Нақшаи корӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба он;

- таҳияи ёддоштҳои тафоҳум байни корхонаҳо, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодҳои соҳибкорӣ, мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- тасдиқи натиҷаҳои бо роҳи озмун интихоб намудани ширкати аудиторӣ барои муқоисаи ҳарсолаи ҳисоботи ташкилотҳои соҳаҳои истихроҷ ва мақомоти давлатӣ;

- тасдиқи натиҷаҳои бо роҳи озмун интихоб намудани Валидатори мустақил;

- ҷалби кӯмакҳои донорҳо ва дигар сарпарастон барои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## III. Ҳайати Шӯро ва тартиби ташаккули он

5. Ба ҳайати Шӯро тибқи замимаи 3 қарори мазкур намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин мутобиқи расмиёти муқарарнамудаи Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони корхонаҳои истихроҷ, бо тартиби кушод ва шаффоф интихобшудаи намояндагони бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил мешаванд.

6. Раиси Шӯро аз рӯи вазифа муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## IV. Ваколатҳои раиси Шӯро

7. Ба кори Шӯро роҳбарии умумӣ менамояд.

8. Рӯзномаи ҷаласа ва тартиби баррасии масъалаҳоро дар ҷаласаҳои Шӯро бо пешниҳоди Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

9. Дар мавридҳои зарурӣ ҷаласаҳои ғайринавбатии Шӯроро даъват менамояд.

## V. Тартиби кори Шӯро

10. Шакли асосии фаъолияти Шӯро ҷаласаҳои Шӯро мебошанд.

11. Ҷаласаҳои Шӯро дар ҳолатҳои зарурӣ, вале на камтар аз як маротиба дар се моҳ гузаронида шуда, дар сурати иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Шӯро эътибор пайдо мекунанд.

12. Қарорҳои Шӯро бо тарафдории аксари аъзои Шӯро қабул гардида, дар шакли протокол бо пешниҳоду тавсияҳо оид ба масъалаҳои баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти соҳаҳои истихроҷ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд, ба расмият дароварда мешаванд.

13. Таъминоти ташкилии фаъолияти Шӯроро Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми доимоамалкунанда мебошад, ба амал мебарорад.

14. Сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи Ташаббуси таффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳбари мақоми дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Шӯро тасдиқ менамояд.

15. Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда Шӯро ва Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои гузаронидани ҷаласаҳо ва дар сатҳи дахлдор ташкил намудани кори ҳамарӯзаи Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ бо биноҳои хизматӣ таъмин намуда, таъминоти моддию техникӣ ва молиявии фаъолияти онҳоро барои татбиқи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

## VI. Ваколатҳои Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

16. Функсияҳои Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисобот оид ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ аз муассисаҳо ва корхонаҳои давлатии соҳаҳои истихроҷ;
- омодасозӣ ва татбиқи стратегияи робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ барои оммавӣ гардонидани принсипҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ, тавсеаи ҳисобот оид ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ва протоколҳои ҷаласаҳои Шӯро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлил ва омода намудани тавсияҳо барои таъмини пуррагии ҳаҷми маълумоти талабшуда оид ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ва ба ҷаласаи Шӯро пешниҳод намудани онҳо.
- ҳамкорӣ бо Раёсати байналмилалии Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар шаҳри Осло (Норвегия) бо мақсади мутобиқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои шаффофияти муқарраршудаи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ;

- ташкил ва пешбурди сомонаи интернетии Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ, таҷдиди доимии мӯҳтаво ва таъмини речаи интерактивии кори он;

- гузаронидани машваратҳо оид ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ва дастгирии равобити шарикӣ бо намояндагони муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои соҳаҳои истихроҷ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор бо мақсади фаҳмондани принсипҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ;

- таҳияи Ёддошти Тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ;

- таҳияи заминаи меъёрӣ барои таъмини мутобиқати ҳисоботҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;

- мушоиати ташкилии расмиёти интихоби озмунии ширкати байналмилалии аудиторӣ аз ҷониби Шӯро барои омода намудани ҳисоботи ҷамъбастии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ барои соли тақвимии дахлдор;

- мониторинги корҳои ҷорӣ ва баҳодиҳии таъсири Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо тартиби муқарраршуда нашри ҳисоботҳо ва маводи таҳлили бо забонҳои давлатӣ ва русӣ.